***ТДУ 9 Тоҷ.***
***ТКБ 63***

# *АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ВА СОЗМОНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЮНЕСКО*

***Шарипов Шавкат**,н.и.т.,дотсенти кафедраи таърихи ватан ва археология; **Дадоҷонова Мунира Абдумановна**, унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *АКАДЕМИК БОБОДЖАН ГАФУРОВ И МЕЖДУНАРОДНАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ ЮНЕСКО*

***Шарипов Шавкат** к.и.н., доцент кафедры отечественной истории и археологии; **Дадоджанова Мунира Абдумановна,** соискатель общеуниверситетской кафедры истории таджикского народа ГОУ « ХГУ имени акад.Б. Гафурова»(Таджикистан. Худжанд)*

# *ACADEMICIAN BOBOJON GAFUROV AND THE INTERNATIONAL ORGANIZATION OF UNESCO*

***Sharipov Shavkat** c.h.s., Associate Professor of the department of home history and archeology under the SEI “KSU named after acad. B. Gafurov”,**E-mail**:shavkat_5353@mail.ru*
***Dadojonova Munira Abdumanonovna,** claimant for candidate degree of the all-university department of Tajik nation history under the SEI “KSU named after acad. B. Gafurov”, (Tajikistan,Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:** равобити хориҷӣ, ҳамкорӣ, ЮНЕСКО, маориф, илм, фарҳанг, лоиҳаи “Шарқ-Ғарб”, тамаддун, Осиёи Марказӣ*

*Дар мақола фаъолияти байналхалқии илмии академик Бобоҷон Ғафуров, таҳкими равобити хориҷии Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои собиқ ИҶШС, ҳамкориву алоқаи ховаршиносони шӯравӣ бо донишмандони кишварҳои хориҷӣ ва созмони байналхалӣ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг ЮНЕСКО мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таъкид мегардад, ки академик Б.Ғафуров дар тадбиқи лоиҳаҳои ЮНЕСКО -“Шарқ-Ғарб” ва “Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ” саҳми бузург гузоштааст. Тазаккур меравад, ки дар доираи лоиҳаҳои мазкур, хусусан лоиҳаи дуюм бо ташаббуси Б.Ғафуров чандин конференсия, симпозиум ва ҳамоишҳои байналхалқӣ гузаронида шудаанд.*

***Ключевые слова**: международные связи, сотрудничество, ЮНЕСКО, образование, наука, культура, проект «Восток-Запад», цивилизация, Центральная Азия*

*В статье анализируется международная научная деятельность академика Б.Гафурова, укрепление международных связей Института востоковедения АН СССР, советских востоковедов с иностранными учеными и международной организацией ЮНЕСКО. Подчеркивается, что академик Б.Гафуров внес большой вклад в реализации проектов ЮНЕСКО “Восток- Запад”, “Изучение цивилизации Центральной Азии”. В рамке названных проектов особенно второго проекта по инициативе Б.Гафурова были проведены ряд международных конференций, симпозиумов и научных встреч ученых различных стран.*

***Key words:** international relations, cooperation, UNESCO, education, science, culture, East-West project, civilization, Central Asia*

*The article dwells on the international scientific activity of academician B. Gafurov; strengthening of international relations of the Institute of Oriental Studies of the USSR Academy of Sciences, Soviet orientalists with foreign scientists and the international organization UNESCO being taken into account as well. The authors lay an emphasis upon the idea that academician B. Gafurov made a great contribution into the implementation of UNESCO projects “East-West”, “The Study of Central Asia Civilization”.Within the frameworks of these projects, especially the second project on B. Gafurov`s initiative a number of international conferences, symposia and scientific meetings of scientists from different countries were held*

Дар фаъолияти байналхалқии илмии академик Бобоҷон Ғафуров, таҳкими равобити хориҷии Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, муқаррар сохтан ва густариши ҳамкорӣ, робитаҳои наздик миёни пажӯҳишгоҳи мазкур ва комиссияи Созмони

Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг- ЮНЕСКО, иштирок ва ҷидду ҷаҳди ин донишманди мумтоз ва созмондеҳи моҳири илм дар кору фаъолияти созмони мазкур мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ин ҳамкорӣ барои амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани таърихи гузашта ва муосири Шарқ ва инкишофи ховаршиносии ҷаҳонӣ мусоидат намуд [8].

Дар бораи саҳми Б.Ғафуров дар рушди илми шарқшиносӣ дар мақолаи О.Қ. Каримзода қайдҳои ҷолиб ба назар мерасад. О.Каримзода хидматҳои Б.Ғафуровро дар ташкили илми шарқшиносӣ ва ташкилу баргузории силсилаи ҳамойишҳои муҳими илмии байналхалқии шарқшиносон қайд кардааст [2,с.20-21].Ҳамчунин таҳқиқоти В.М. Набиев оид ба саҳми Б.Ғафуров дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси эҷодкори тоҷик дар муассисаҳои таълимии Федератсияи Русия сухан рафтааст [5], ки бозгӯи фаъолияти байналхалқии Б.Ғафуров мебошад.Дар мақолаи А.И. Усмонов сайъ шудааст, ки мақоми Б.Ғафуров дар ташаккули худшиносии қарни бистум мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирад [6].

Бо вуҷуди корҳои зиёди ғафуровшиносӣ, то ҳанӯз пажӯҳише дар заминаи Б.Ғафуров ва Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг- ЮНЕСКО анҷом наёфтааст.ЮНЕСКО созмони дар СММ амалкунанда мебошад, ки саҳми худро дар ҷодаи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ бо воситаи тарғиби ҳамкории миллатҳо дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг мегузорад, ки академик Б.Ғафуров бо ин ташкилот робитаи зич дошт.

Устод Б.Ғафуров ҳамчун раиси Кумитаи шӯравӣ оид ба лоиҳаи асосии ЮНЕСКО «Шарқ-Ғарб» ва президенти Анҷумани байналхалқӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар амри бомуваффақият амалӣ гардидани ду лоиҳаи бузурги илмии ЮНЕСКО «Шарқ-Ғарб» ва «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» саҳми бузург гузоштааст. Ӯ дар аксарияти конфронсҳо, симпозиумҳо ва семинарҳои байналхалқии ЮНЕСКО фаъолона ширкат варзида, аз худ нақши фаромӯшношуданӣ гузоштааст ва бо фаъолияти пурсамари худ бахри амалӣ сохтани қарорҳои ин мулоқотҳои байналхалқии донишмандон кӯмак ва мусоидат намудааст.

Академик Б.Ғафуров бо як шавқу рағбати бузург лоиҳаи асосии ЮНЕСКО – «Эътирофи тарафайни сарватҳои фарҳангии Шарқ ва Ғарб» (мухтасаран лоиҳаи «Шарқ - Ғарб»)- ро, ки дар доираи фаъолияти ЮНЕСКО аз соли 1957 то соли 1967 ба амал баровcurrently мешуд, тарафдорӣ намуд. Лоиҳаи «Шарқ-Ғарб» чи тавре, ки аз номи пурраи он маълум мегардад, ба мақсади таҳким бахшидани ҳусни тафоҳум ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни кишварҳои Шарқу Ғарб тавассути шиносоии тарафайн бо сарватҳои фарҳангии якдигар равона шуда буд. Дар доираи ин лоиҳа мулоқоту машваратҳои байналхалқии донишмандон бахшида ба омӯзиши тамаддуни кишварҳои Шарқ баргузор гардиданд, барои ташкилу таҳкими ҳамкориҳои байналхалқии илмӣ чораҳои мушаххас андешида шуданд ва дар бисёр кишварҳои Шарқ марказҳои илмию фарҳангии таҳқиқотии минтақавӣ созмон дода шуданд [1,с.31].Моҳи январи соли 1960 Б.Ғафуров ҳайати олимони шӯравиро дар Конфронси минтақавии давлатҳои Осиё, ки узви ЮНЕСКО буданд, сарварӣ намудааст. Дар ин конфронс, ки дар пойтахти Филиппин - шаҳри Манила баргузор гардида буд, Б.Ғафуров бо ду маърӯзаи илмӣ: «Масъалаҳои халъи силоҳ ва тамаддуни ҷаҳонӣ» ва «Фаъолият оид ба амалӣ сохтани лоиҳаи ЮНЕСКО «Шарқ-Ғарб» ва инкишофи равобити фарҳанги миёни ИҶШС ва кишварҳои Шарқ» суханронӣ намуд.

Академик Бобоҷон Ғафуров чун донишманди мумтоз ва мутахассиси намоёни таъриху фарҳанги Шарқ, чун зодаи Шарқ ва донандаи беҳтарини хислат, урфу одат ва суннатҳои шарқиёна, назокату зарофатҳои Шарқ дар байни мақомоти олимартабаи ҳизбию давлатӣ ва дипломатии Иттиҳоди Шӯравӣ ба эҳтирому эътирофи баланд сазовор буда, яке аз машваратчиёни асосии сарварони давр дар масъалаҳои Шарқ буд. Ӯ чун олим, арбоби сиёсию иҷтимоӣ, чун дипломати хеле моҳир дар ҷодаи барқарор ва мустаҳкам намудани робита бо кишварҳои Шарқ саҳми босазое гузоштааст.Соли 1967 Бобоҷон Ғафуров бо супориши роҳбарияти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун донишманди варзида, ки дар соҳаи ташкилу созмондиҳии робитаҳои илмиву иқтисодии ИҶШС бо кившарҳои Шарқ таҷрибаи бузург андӯхта буд, ба Туркия ташриф овард. Ӯ бо олимони Туркия мулоқотҳо намуд ва ба онҳо масъалаҳои ҳамкории олимони ҳар ду мамлакатро муҳокима намуд.Соли 1973 дар Туркия Конфронси байналхалқии ЮНЕСКО дар мавзӯи «Истамбул дар пайванди фарҳангҳои балканӣ, Осиёи Марказӣ, славянӣ ва шарқӣ дар асрҳои XVI-XIX» баргузор шуд, ки дар кори он гурӯҳи ховаршиносони шӯравӣ бо сарварии Б.Ғафуров ширкат доштанд.

Моҳи декабри соли 1974 Б.Ғафуров дар доираи фаъолияти ЮНЕСКО ба Покистон сафар намуд. Ӯро Президент, Сарвазири Покистон ва дигар шахсони расмӣ қабул намуданд. Ӯ бо намояндагони аҳли илм, арбобони сиёсӣ ва ҷамъиятии Покистон мулоқотҳои зиёде дошт ва дар

Семинари илмии ЮНЕСКО бахшида ба таърихи илм, ки дар Донишгоҳи Исломобод баргузор гашта буд, маърӯза намуд.Аз соли 1967 Бобоҷон Ғафуров дар амри қабул ва татбиқи лои³аи нави тадқиқотии ЮНЕСКО бахшида ба Осиёи Марказӣ ҷиддан камар баст [8].

Пас аз ба анҷом расидани лоиҳаи «Шарқ-Ғарб» раиси Кумитаи шӯравии ин лоиҳа Б.Ғафуров пешниҳоди ниҳоят мухимро дар хусуси қабули лоиҳаи нав: «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» ба миён гузошт. Ҳангоми мулоқоти коршиносони (экспертҳои) ЮНЕСКО дар Париж Бобоҷон Ғафуров бо ҷидду ҷаҳди тамом кӯшиши намуд, ки ин ният ва андешаи наҷиб, яъне лоиҳаи нав ба нақшаи фаъолияти ЮНЕСКО ворид гардад ва ӯ ба ин мақсад муваффақ шуд.

Бобоҷон Ғафуров рӯҳу тавони ин лоиҳаи нав буд. Мулоқотҳои донишмандон дар робита ба таҳқиқи гузашта ва ҳозираи мардуми Шарқ ҳамеша мавриди таваҷҷҳи дақиқи ӯ буданд.

Маҳз бо ташаббус ва пешниҳоди Б.Ғафуров моҳи апрели соли 1967 дар нахустин машварати коршиносони лоиҳаи «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ», ки дар қароргоҳи (штаб-квартираи) ЮНЕСКО дар Париж баргузор гардид, тадқиқи замони Кӯшониён ба сифати муҳимтарин масъала ба барномаи мазкур дохил карда шуд. Б.Ғафуров чунин пешниҳод намуд, ки дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе Конфронси байналхалқии ЮНЕСКО доир ба таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги замони Кӯшониён даъват карда шавад. Пешниҳоди мазкурро ҳамаи иштирокчиёни машварат ва котиботи ЮНЕСКО якдилона дастгирӣ намуданд.Конфронси байналхалқии мазкур 27 сентябри соли 1968 дар шаҳри Душанбе кори худро оғоз намуд. Дар кори он зиёда аз 200 нафар донишмандони 22 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Дар конфронс Б.Ғафуров бо маърӯзаи ҷамъбастии «Замони Кӯшон ва тамаддуни ҷаҳонӣ» суханронӣ намуд. Маърӯза ба равобити этникию фарҳангии ин давра бахшида шуда, дар он масъалаҳои душвору печидаи ҷараёни таъсири мутақобила ва робитаҳои тарафайни системаҳои фарҳангӣ, динӣ-фалсафӣ ва бахусус ёдгориҳои замони Кӯшон мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуд.Пас аз як сол -моҳи сентябри соли 1969 дар шаҳри Самарқанд Бобоҷон Ғафуров ба сифати раиси Кумита оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар ҳузури комиссияи ИҶШС оид ба корҳои ЮНЕСКО мулоқоти дигари муҳими олимон Симпозиуми байналхалқӣ доир ба санъати давраи Темуриёнро оғоз намуд. Ин симпозиум низ аз рӯи барномаи омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ баргузор гашта буд. Қабл аз ин симпозиум, моҳи феврали соли 1969 дар Деҳлӣ Конфронси байналхалқии ЮНЕСКО бахшида ба инкишофи афкори иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ зери унвони «Осиёи Марказӣ: кӯчиши халқҳо ва густариши ғояҳо аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо» баргузор гардида буд. Дар ин конфронс Б.Ғафуров сарпарастии ҳайати вакилони шӯравиро дар ӯҳда дошт ва бо маърӯзаи «Таъсири Ҳиндустон ба инкишофи афкори иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна» баромад кард. Соли 1972 дар пойтахти Туркманистон - шаҳри Ишқобод Конфронси байналхалқии ЮНЕСКО дар мавзӯи «Рушди иҷтимоию фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои X1X-XX» баргузор гашт, ки ин конфронси сеюмини ЮНЕСКО аз рӯи лоиҳаи «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» буд. Дар кори он зиёда аз 300 нафар донишмандон аз 23 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Дар маҷлиси асосии конфронси илмӣ Бобоҷон Ғафуров бо маърӯзаи «Давраҳои асосии инкишофи таърихию фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ» суханронӣ намуд. Конфронси мазкур бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров, ки раиси конфронс интихоб шуда буд, тавсияномаи ҳамкории минбаъдаи олимони минтақаро аз рӯи лоиҳаи ЮНЕСКО, пешниҳоди ташкил кардани Анҷумани байналхалқӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказиро, ки пештар аз ин олимони шӯравӣ дар назди ЮНЕСКО гузошта буданд, дастгирӣ намуд. Бобоҷон Ғафуров корҳои бузурги илмӣ, ташкилиро дар робита бо амалӣ сохтани лоиҳаи ЮНЕСКО бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ин соҳа пайваста пеш мебурд. Соли 1976 асари хеле пурарзиш ва пурмӯ³тавои Б.Ғафуров ва Л.Мирошников «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ. (Таҷрибаи ҳамкории байналхалқӣ аз рӯи лоиҳаи ЮНЕСКО»)  аз чоп баромад [1]. Дар ин асар дар хусуси таҷрибаи нодири ҳамкориҳои байналхалқии олимон дар соҳаи омӯзиши мероси фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ, ки аз рӯи лоиаи ЮНЕСКО ба амал оварда мешуд, нақл карда мешавад. Китоби мазкур як навъ ҷамъбасти натиҷаи амалӣ гаштани лоиҳаи «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» буд. Дар маҷлиси умумии Сессияи Шӯрои Анҷумани байналхалқӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар Мехико (1976) ба ЮНЕСКО тавсия дода шуд, ки ин китобро ба забонҳои англисӣ ва франсавӣ чоп намояд. Соли 1979 дар маҷаллаи «Осиёи Марказӣ» (ба забони англисӣ), ки аз тарафи Анҷумани байналхалқӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар Покистон нашр мегардад, китоби Б.Ғафуров ва Л.И.Мирошников ба забони англисӣ ба табъ расид [4, с.159-160].Моҳи октябри соли 1977 пас аз се моҳи фавти Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналхалқии ЮНЕСКО оид ба

масъалаҳои этникии таърихи қадимаи Осиёи Марказӣ баргузор гашт. Дар омодасозии симпозиуми мазкур Бобоҷон Ғафуров кӯшиши зиёде ба харҷ дод ва барои маърӯза кардан омодагӣ медид, вале умр ба ӯ вафо накард [4, с.155-156]. Дар симпозиум маърӯзаи Бобоҷон Ғафуров тахти унвони «Баъзе масъалаҳои таърихи антиқии халқҳои Осиёи Марказӣ дар давраҳои қадимтарин» қироат гардид. Бостоншиноси маъруфи Покистон, профессор Аҳмад Ҳасан Донӣ дар симпозиуми номбурда роҷеъ ба са³му мақоми Бобоҷон Ғафуров дар соаи инкишофи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба Осиёи Марказӣ ва таҳкими ҳамкориҳои илмӣ сухан ронда, аз ҷумла чунин гуфта буд: «Чи хуб рафтору гуфторе дошт? Чи гуна худро идора мекард? Чи гуна конгрессҳоро идора мекард? Ин ҳама шоистаи ибрату тақлид аст. Тамоми фаъолияти симпозиуми мазкур бояд ба ҳамин марди бузург бахшида шавад. Ғафуров ибтидои корҳои созмондиҳиро асос гузошт, ки дар доираи он таҳқиқотҳои худро доир ба тамаддуни Осиёи Марказӣ метавонем идома бидиҳем». Устоди Донишгоҳи Теҳрон, раиси Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, профессор Иззатулло Нигаҳбон ва дигар донишмандон низ саҳму мақоми Бобоҷон Ғафуровро дар амри тадбиқи лоиҳаи ЮНЕСКО ва таҳкими ҳамкориҳои илмии олимони кишварҳои гуногуни ҷаҳон баланд арзёбӣ намуданд.Донишманди машҳури Покистон, президенти Бунёди миллии «ҳамдард», доктор Ҳаким Муҳаммад Саид дар таъзияномаи худ ба унвони ҳамсари мар³ум Б.Ғафуров, доктори илмҳои таърих Капитолина Александровна Богомолова – Ғафурова чунин навишта буд: «Фавти нобаҳангоми профессор Бобоҷон Ғафуров-раиси Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои ИҶШС, ки 12 июл ба вуқӯъ омад, як инсони дорои истеъдоди фавқулода ва донишманди маъруфро аз миёни мо рабуд. Эҳсоси дӯстии самимона ва таваҷҷӯҳе, ки ӯ нисбат ба Покистон ва мардуми ин кишвар дошт ҳеҷ касро ба шубҳа намеоварад. Фаъолияти ӯ дар роҳи таҳкими дӯстӣ, алалхусус дар риштаи илм ва фаранг беҳамтост. Вай Покистон, Ғолиб ва Иқболро хуб медонист ва ба онҳо баҳои баланд медод.Ӯ аз саҳми мардуми кишварҳои мо дар роҳи ташаккул ва рушди фарҳанги мардуми Осиёи Марказӣ, ифтихор мекард. Б.Ғафуров дар кори таҳқиқи тамаддуни Осиёи Марказӣ-Покистон, Афғонистон, Эрон, Муғулистон ва қисме аз ҳудуди Иттифоқи Советӣ, аз зумраи нахустин муҳаққиқон буд. Фаъолияти ӯ дар омӯзиши ин масъалаҳо сабаби дар ЮНЕСКО ташкил ёфтани шӯъбаҳои ҷудогона оид ба масъалаҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ гардид. Бобоҷон Ғафуров аз лиҳози осори илмӣ дар радифи барҷастатарин донишмандони ҷаҳон қарор дорад. Сарфи назар аз хуб набудани аҳволи саломатиаш ӯ масъулияти роҳбарии Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС– ро ба ӯҳда дошт ва ин вазифаро бо мардонагӣ иҷро кард, ва ба аҳли ҷаҳон собит намуд, ки му³аббат ба илму дониш тамоми монеаҳои сунъиро бартараф месозад. Ва ман муддати 15 сол шараф ва ифтихори дӯстиро бо Бобоҷон Ғафуров доштам. Ман ба хирадмандӣ ва самимият, гармии эҳсос, бурдборӣ ва хайрхоҳии ӯ баҳои баланд медодам.

Фавти Бобоҷон Ғафуров барои илми ҷаҳон талафоти бузургест» [4,с.158-159].

Воқеан, даргузашти Б.Ғафуров барои илми ховаршиносии ватанӣ ва ҷаҳонӣ талафоти бузург буд. Аммо кору пайкори мондагори ин донишманди маъруф дар амри пайванди фарҳангӣ, маънавӣ ва дӯстии мардумони кишварҳои гуногун номи ӯро дар таърихи илми ховаршиносии ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои заррин сабт намуд. Саҳм ва фаъолияти Бобоҷон Ғафуров дар кори созмони байналхалқии ЮНЕСКО ва тадбиқи лоиҳаҳои илмии он хеле бузург ва пурсамар буда, таҳқиқу баррасии он барои омӯхтани нақшу мақоми ЮНЕСКО дар кори ташкилу тарҳрезӣ ва созмондеҳии барномаҳои илмӣ, фарҳангӣ, тармимӣ, омӯзишӣ, тарбиявӣ, таҳкими робитаҳои байналхалқӣ ва инчунин таҳқиқи давраҳои муайяни таърихи инкишофи ховаршиносии ҷаҳонӣ аҳамияти бағоят муҳим дорад.Хидматҳои Б.Ғафуров дар роҳи рушди ховаршиносии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, фаъолияти густурдаи давлатӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ сазовор қадрдонӣ шудаан [2].

Б.Ғафуров узви фахрии Анҷумани ховаршиносони Полша, доктори фахрии Донишгоҳи мусулмонии Олигархи Ҳиндустон, узви хориҷии Академияи илмҳо ва санъати Босния ва Герцоговинияи Югославия, узви ифтихории Анҷумани Осиё дар Париж, узви Шӯрои миллии Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ ва ғайра интихоб гардида буд.Ӯ вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъватҳои 1-3), вакили мардумӣ дар Шӯрои олии ИҶШС (даъватҳои 2-7) буд, дар Анҷуманҳои Х1Х ва ХХ-уми ҲКИШ узви КМ ҲКИШ интихоб шудааст. Б.Ғафуров бо мукофотҳои баланди шӯравӣ ва давлатҳои хориҷӣ - шаш ордени Ленин, орденҳои Инқилоби Октябр, Байрақи Сурхи Меҳнати Муғулистон ва бо бисёр ордену медалҳои дигар, бо Ҷоизаи байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлал Неҳру сарфароз гардидааст.Бо итминони комил метавон гуфт, ки ин фарзандони фарзонаи халқи тоҷик, алломаи бузурги Машриқзамин – академик Бобоҷон Ғафуров бо кору пайкори мондагори худ дар ҷодаи илм, таҳкими

ҳамкориҳои илмӣ, муколамаи фарҳангҳо, тамаддуни Шарқ, кашфи хазинаи илму хиради мардуми он ва дастраси ҷаҳониён гаштани сарватҳои маънавии мардуми Ховар хидмати бузург намудааст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Гафуров, Б.Г. Изучение цивилизации Центральной Азии. (Опыт международного сотрудничества по проекту ЮНЕСКО)/Б.Г.Гафуров,Л.И.Мирошников.-М.:Наука,1976.-128с.
2. Каримзода, О.Қ. Саҳми академик Бобоҷон Ғафуров дар рушди илми шарқшиносӣ /О.Қ.Каримзода.- Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.- 2017.-№4(53).-С.18-20
3. Мухторов, А.Академик Бободжан Гафуров/А.Мухторов,Ш.Шарифов.-Душанбе: Ирфон, 1983.-96с.
4. Мухторов, А. Академик Бобоҷон Ғафуров//А.Мухторов,Ш.Шарифов.-Душанбе:Ирфон, 1989.-208с.
5. Набиев, В.М. Вклад Бободжона Гафурова в подготовку квалифицированных Таджикских творческих кадров в учебных заведениях Российской федерации /В.М.Набиев//Учёные записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно- общественных наук.-2020.- №3(64).- С 58.
6. Усмонов, А.И.Бобоҷон Ғафуров ва заминаҳои ташаккули худшиносии миллии тоҷикон дар қарни XX/А.И.Усмонов// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.-2018-.№4(57).-С.18-22.
7. Шарифов, Ш. Саҳми академик Б.Ғафуров дар тадбиқи лоиҳаҳои ЮНЕСКО: «Шарқ-Ғарб» ва «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ»/Ш.Шарифов//ЮНЕСКО-50. Материалы Международной научной конференции: «Культура: прошлое настоящее и будущее» (г.Худжанд, 12-15 декабря 1997 года).-Худжанд: Хуросон, 1997.-С.38-42
8. Шарифов Ш. Бобоҷон Ғафуров ва созмони ЮНЕСКО: муколамаи фарҳангҳо ва кашфи асрори Шарқ/Ш.Шарифов,М.Ҷӯраева//Алломаи Машриқзамин.Маводи Конференсияи илмӣ-назариявии “Академик Бобоҷон Ғафуров – мутафаккири бузуги Шарқ” бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров.-Хуҷанд:Нури маърифат, 2019.-С.210-215
9. Шарифов, Ш. Академик Б.Ғафуров ва ЮНЕСКО /Ш.Шарифов //Ҳақиқати Ленинобод.-1998.-23 декабр.


**REFERENCES:**


1. Gafurov, B.G. The Study of Central Asian Civilization (Experience of international cooperation on UNESCO project) / B.G. Gafurov, L.I. Miroshnikov. - M.: Science, 1976. – 128 p.
2. Karimzoda, O.K. Academician Bobojon Ghafurov`s Contribution into the Development of Oriental Studies / O.K. Karimzoda. Scientifc Notes of Khujand State University. Series of humanities and social sciences. - 2017. - №4 (53). - P. 18 – 20.
3. Mukhtorov,A.Academician Bobojon Gafurov/A.Mukhtorov,Sh.Sharifov.-Dushanbe:Cognition, 1983. – 96 p.
4. Mukhtorov,A.Academician Bobojon Gafurov//A.Mukhtorov, Sh.Sharipov.-Dushanbe:Cognition, 1989. – 208 p.
5. Nabiev, V.M. Bobojon Gafurov`s Contribution into Preparation of Qualified Tajik Creative Staff in the Educational Institutions of the Russian Federation/V.M.Nabiev//Scientifc Notes of Khujand State University named after academician B.Gafurov. Series of humanities and social sciences. - 2020.- №3 (64). - P 58.
6. Usmonov, A.I. Bobojon Ghafurov and Grounds of Formation of Tajik National Self-Consciousness Referring to the XX-th Century/A.I.Usmonov// Scientifc Notes of Khujand State University named after academician B.Gafurov. Series of humanities and social sciences.–2018.-№4 (57).-P.18-22.
7. Sharifov, Sh. Academician B.Gafurov`s Contribution into Implementation of UNESCO Projects: “East-West” and “The Study of Central Asian Civilization” / Sh. Sharipov // UNESCO 50. Proceedings of the International Scientific Conference: “Culture: Past, Present and Future” (Khujand, December 12-15, 1997). - Khujand: Khuroson, 1997. - P. 38 – 42.
8. Sharifov, Sh. Bobojon Ghafurov and UNESCO: Dialogue of Cultures and Discovery of the Mysteries of the East / Sh.Sharipov, M.Juraeva // Allomai Mashriqzamin. -Khujand: Light of Enlightenment, 2019. - P. 210 – 215.
9. Sharifov, Sh. Academician and UNESCO /Sh.Sharipov // Reality of Leninabad. - 1998. - 23 December.